ҚАРОРИ
Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, 14 нафар иштирок дошт, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 14 нафар, «зид» - нест, «бюллетенҳои беэътибор» - нест.

Баромади Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи “Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ **Низомова Санобар Фахриевна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, **Назаров Меҳрубон Ниёзмадович** ва тақризи муассисаи пешбарро шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Одинаев Саидаҳмад Полвонович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Қарор қабул мекунад:

1. Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи “Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои илмии чопкардаи унвонҷӯ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Одинаев Саидаҳмад Полвонович дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Одинаев Саидаҳмад Полвонович диплoми дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикиро диҳад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С. С.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Каримова Д. Н.

15- уми майи соли 2023